# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш.Душанбе, к.Шевченко, 69, тел. ( 372 ) 221-18-35, факс (372) 2217525


## ФАРМОИШ

аз «08» 07 2021 с., № 592 ш. Душанбе

**Оид ба тақсимоти хатмкунандагони соли таҳсили 2020-2021 Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Мутобиқи банди 5 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31-уми декбари соли 2020, №702 «Дар бораи тасдиқи Барномаи тайёр намудани кадрҳои тиббӣ барои давраи то соли 2030» бо мақсади тайёр намудани кадрҳои тиббӣ дар зинаҳои интернатураи клиникӣ, ординатура (резидентура) ва магистратура аз рӯи ихтисосҳои афзалиятдошта гузаронидани тақсимоти фардии хатмкунандагони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Рӯзи 14 июли соли 2021 тақсимоти фардии хатмкунандагони факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида шавад.
2. Гурӯҳи корӣ барои гузаронидани тақсимоти фардии хатмкунандагони соли таҳсили 2020-2021 дар ҳайати зерин созмон дода шавад:

   Юсуфӣ С.Ҷ.- сардори Раёсати таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ, сиёсати кадрҳо ва илми Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (раис);

   **Аъзоён:**

   Раҷабова З.А. – мутахассиси пешбари Раёсати таҳсилоти тиббию фарматсевтӣ, сиёсати кадрҳо ва илми Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (котиб);

   Абдулмуминзода Н.А. – муовини ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба таълим;

   Талабзода М.С.– декани факултети тиббии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

Абдуллоев Ҷ.Т.– мудири шуъбаи таҷрибаомӯзӣ ва кор бо мутахассисони ҷавони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

3. Гурӯҳи корӣ вазифадор карда мешавад, ки то 1 августи соли ҷорӣ натиҷаи тақсимотро ҷамъбаст намуда барои тасдиқ пешниҳод намоянд.
4. Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Хушвақтзода Қ.Х.) барои гурӯҳи корӣ шароити зарурӣ фароҳам оварда, ҳуҷҷатҳои лозимиро пешниҳод намояд.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкурро ба зиммаи худ мегузорам.

Вазир Ҷ. Абдуллозода

ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
МИНИСТЕРСТВО ЗДРАВООХРАНЕНИЯ И СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТЫ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
БАРОИ ФАРМОНҲО
ДЛЯ ПРИКАЗОВ

ДУРУСТ